Протоколи № 2
ҷаласаи Шурои диссертатсионии 6D.КОА-074

27 марти соли 2024 ш. Душанбе

Иштирок доштанд: аз 11 нафар аъзои Шурои диссертатсионӣ бо фармоиши КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 22 июни соли 2023 №161 шд тасдиқгардида, 10 нафар иштирок доранд, ки аз онҳо 4 нафарашон докторони илм ва 2 нафарашон номзадони илм аз рӯйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда ба ҳисоб мераванд.

Пешниҳод шуд, ки ҷаласа кушода гуфта эълон шавад. Муҳтарам аъзои Шуро ягон пешниҳоди дигар нест? Аъзои Шуро хоҳиш намуданд, ки ҷаласа кушода шавад. Якдилона пешниҳод ҷонибдорӣ карда шуд.

**Рӯзномаи ҷаласа:**

Ба ҳимоя иҷозат додани диссертатсияи Ҷалолов Беҳрӯз Фарҳодович дар мавзуи "Фаъолияти экспозитсионӣ – намоишии Осорхонаи миллии Тоҷикистон дар муаррифии таърихи фарҳанги халқи тоҷик (солҳои 1991-2021)" барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои фарҳангшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 24.00.01 – Назария ва таърихи фарҳанг.

Аз рӯйи масъалаи мазкур раиси комиссияи ташхиси Шурои диссертатсионӣ доктори илмҳои таърих, узви Шурои диссертатсионӣ Ҳусайнов А.Қ., аъзоёни комиссияи ташхис доктори илмҳои фалсафа Султонзода С.А. ва номзади илмҳои фарҳангшиносӣ Шомуродов Б.Б. баромад намуданд (хулосаи комиссияи ташхис замима мегардад).

**Қарор карда шуд:**

1. Диссертатсияи Ҷалолов Беҳрӯз Фарҳодович дар мавзуи "Фаъолияти экспозитсионӣ – намоишии Осорхонаи миллии Тоҷикистон дар муаррифии таърихи фарҳанги халқи тоҷик (солҳои 1991-2021)" барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои фарҳангшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 24.00.01 – Назария ва таърихи фарҳанг барои ҳимоя қабул карда шавад.

2. Муқарризони расмӣ таъин карда шаванд:

– Иброҳимов Муродалӣ Файзалиевич – доктори илмҳои таърих, ҷонишини директор оид ба корҳои илмӣ ва таълимии Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи А. Дониши АМИТ;

– Боймуродова Зулола Қаҳоровна – номзади илмҳои таърих, сардори бахши сифати таҳсилоти Муассисаи давлатии "Коллеҷи ҷумҳуриявии рассомии ба номи М. Олимов".

3. Ба ҳайси муассисаи пешбар Муассисаи таълимии байнидавлатии таҳсилоти олии “Донишгоҳи славянии Русияву Тоҷикистон” пешниҳод карда шавад.

4. Барои ҷойгир намудани эълон оид ба ҳимояи минбаъда дар сомонаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва чопи автореферат иҷозат дода шавад.

5. Санаи ҳимоя 5 июни соли 2024 соати 13:00 таъин карда шавад.

Қарор қабул карда шуд: якдилона.

**Раиси Шурои диссертатсионӣ,**
**доктори илмҳои таърих, профессор** **Ҳақназаров А.**

**Котиби илмии Шурои диссертатсионӣ,**
**номзади илмҳои таърих, дотсент** **Сайнаков С.П.**